**ВАЗОРАТИ ТАЪЛИМИ ОЛӢ ВА МИЁНАИ МАХСУСИ РЕСПУБЛИКАИ ЎЗБЕКИСТОН**

**ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ САМАРҚАНД**

Ба рўйхат гирифта шуд:
№ БД–60230100–2.03
«____»________соли 2021

**“ТАСДИҚ МЕНАМОЯМ”**
Ректори ДДС Р.И.Халмурадов
______________
2021 йил “____”______

# ДАСТУРИ ТАЪЛИМӢ

аз фанни

# АДАБИЁТИ БАЧАГОНА

| | | |
|---|---|---|
| Соҳаи илм: | 200 000 | -Фанҳои гуманитарӣ ва санъат |
| Соҳаи таълим: | 230 000 | -Фанҳои гуманитарӣ |
| Шўъбаи таълим, ихтисос. | 60230100 | -филология ва омӯзиши забонҳо (забони тоҷикӣ) |

**Самарқанд – 2021**

Дастури таълимии фанни “Адабиёти бачагона” дар асоси талаботи СДТ ва Талабҳои малака тартиб дода шудааст. Дастури таълимӣ барои донишҷӯёни курси сеюми равиши филология ва омӯзиши забонҳо: забони тоҷикӣ тайёр карда шудааст.

Дастури таълимии фан дар маҷлиси кафедраи филологияи тоҷик ва забонҳои шарқи хориҷа муҳокима карда шудааст ва барои муҳокима ба шӯрои илмӣ ва услубии факултети филологияи Донишгоҳи давлатии тавсия карда шудааст. (_______ соли 202__ баённомаи № __).

**Мудири кафедра** _____ **проф. Ҷ.Ҳамроев**

Дастури таълимии фан дар шӯрои илмии факултети филологияи Донишгоҳи давлатии Самарқанд муҳокима гардида, барои истифода пешниҳод карда шудааст. (______ соли 202_ баённомаи рақами № ____).

**Декани факултет** _____ **проф. А.Пардаев**

**Созиш карда шуд:**

**Роҳбари корҳои таълимӣ-услубӣ**__________ **проф. А. Солеев**

| Фан/Коди модул BAT4004 (бакалавриат) | Соли хониши 202_-202_ | | Семестри 6 | ECTS-Кредитҳо 4 | |
|---|---|---|---|---|---|
| Фан/ **Намуди фан: Интихобӣ** | **Забони таълим** Тоҷикӣ | | | **Соатҳои дарси ҳафтаина** 4 | |
| 1 | **Номи фан** | | **Машғулотҳои аудиторӣ (соат)** | **Таълими мустақил (соат)** | **Ҷамъи сарборӣ (соат)** |
| | **Адабиёти бачагона** | | 60 | 60 | 120 |

2 **I. Мазмуни фан**

Омӯзиши фанни «Адабиёти бачагона» барои толибилмони бакалавриатҳои шӯъбаи рӯзонаи факултетҳои филологӣ муқаррар гардидааст. Тавассути фанни мазкур муҳимтарин масъалаҳои адабиёти хурдсолон ва асосҳои илмию назарии он, ҳамчунин роҳҳои таҳлили мавзӯъҳои мухталифи осори ба бачагон бахшидаи адибон муайян карда мешавад.

Инкишофи тафаккури мантиқии шогирдон, омӯзиши дараҷаи ҷаҳонбинии шогирдон зери таъсири осори ба бачагон бахшидашуда аз ҳадафҳои асосии таълими фанни мазкур ҳисоб меёбад. Аз ин рӯ, таълими адабиёти бачагона барои омӯзгорони ояндаи мактабҳои миёна ба мақсади амиқрафти таълим ва таъмини мунтазамии пайдарҳамии чараёни таълим дар мактаб хеле муҳим аст. Аз ҷониби дигар, фанни мазкур барои зина ба зина дуруст ташкил кардани дарсҳо дар асоси ба инобат гирифтани хусусиятҳои синнусолии талабагон зарур ҳисобида мешавад.

## II. ҚИСМАТИ АСОСИИ НАЗАРӢ (машғулотҳои маърузавӣ)

### II.I. Ба таркиби фан мавзӯъҳои мазкур дохил мешавад:

### Мавзӯи 1. Адабиёти бачагон ҳамчун фан ва моҳияти он

Мафҳуми «Адабиёти бачагона» ва «Адабиёти калонсолон». Масад ва вазифаҳои асосии фанни мазкур ва марҳилаҳои асосии инкишофи он. Вобаста ба синну сол тасниф намудани адабиёти бачагона. Муаммоҳои асосии ин фан ва даврабандии он. Айният ва тафовути адабиёти бачагона аз адабиёти калонсолон. Робита ва алоқаҳои адабиёти бачагон бо фанҳои дигар.

### Мавзӯи 2. Аз таърихи адабиёти бачагона ва предмети баҳси он

Омилҳо ва заминаҳои пайдоиши адабиёти бачагонаи тоҷик.

Устуворшавӣ ва ташаккули адабиёти бачагона. Нақши адибони тоҷик дар

назми бачагона.

**Мавзӯи 3. Фолклор – сарчашмаи адабиёти бачагона**

Эҷодиёти шифоҳии халқ ҳамчун манбаи адабиёти бачагонаи тоҷик. Жанрҳои асосии эҷодиёти даҳанакии халқ ва мутаносибияти он ба адабиёти бачагона. Мундариҷаи ғоявӣ, сабку услуб ва забони эҷодиёти шифоҳии халқ. Бозиҳои бачагона ва фолклор. Жанрҳои суруд, афсона, чистон, тезгӯяк ҳамчун жанри адабиёти бачагона

**Мавзӯи 4. Адабиёти классикӣ сарчашмаи адабиёти бачагона**

Адабиёти мумтоз ва нақши он дар ташаккул ва инкишофи адабиёти бачагонаи тоҷик. Осори бачагонаи адибони мумтози тоҷик таъсири онҳо ба эҷодиёти адибони баҷагонаи тоҷик. Осори Рӯдакӣ, Фирдавсӣ, Кайковус, Носири Хисрав, Ганҷавӣ, Саъдӣ, Зоконӣ, Ҷомӣ, Восифӣ сарчашмаи адабиёти бачагона

**Мавзӯи 5. Адабиёти бачагонаи ҷаҳон**

Адабиёти бачагонаи ҷаҳон – омили муҳими ташаккул ва инкишофи адабиёти бачагонаи тоҷик. Мундариҷаи ғоявӣ ва хусусияти жанрии осори бачагонаи ҷаҳон. Раҳим Ҳошим, Абдушукур Пирмуҳаммадзода, Абдусалом Деҳотӣ, Ҳаким Карим, Ҷалол Икромӣ, Эмонуил Муллоқандов, Ҳамид Бақозода, Ҳасан Ирфон аз тарҷумонҳои адабиёти ҷаҳон.

**Мавзӯи 6. Марҳилаҳои асосии ташаккули адабиёти бачагонаи точик**

Чунбиши маорифпарварй ва масъалаи адабиёти бачагона. Таъсир ва нуфузи чараёни маорифпарварй – тачаддудхоҳй дар ташаккули адабиёти бачагона. Хизматҳои Абдуқодир Шакурй, Маҳмудхоҷа Беҳбудӣ, Аҷзӣ, Айнӣ ва дигарон дар ташаккули адабиёти бачагонаи миллӣ. Китобҳои дарсии аҳди маорифпарварӣ ҳамчун маҷмӯаҳои осори адибони бачагона. Таҳлили намунаҳои осори бачагонаи адибони маорифпарвар ва таҷаддудхоҳи тоҷик.

**Мавзӯи 7. Вазъи адабиёти бачагонаи тоҷик дар солҳои 20-30-юми асри гузашта**

Марҳилаи инкори суннат ва мерос ва таъсири он дар ташаккули адабиёти бачагона. Гузоришоту мулоҳизаҳои олимони адабиётшинос ва асосҳои илмй-назарии адабиёти бачагонаи точик. Саҳми С.Айнй дар ташаккул ва инкишофи адабиёти бачагонаи точик. Осори бачагонаи С.Айнй ва хусусиятҳои жанриву бадеии онҳо.

**Мавзӯи 8. Жанрҳои адабиёти бачагонаи тоҷик**

Муайян кардани хусусияти гуногунжанрии адабиёти бачагон ва таъсири адабиёти шифоњӣ ба он. Повест, њикоя, афсона, достон, шеър, зарбулмасал, чистон ва ѓайра аз жанрҳои асосии адабиёти бачагона

**Мавзӯи 9. Ташаккули публисистикаи бачагонаи тоҷик**

Ташаккул ва инкишофи рӯзнома ва маҷаллаҳои бачагонаи тоҷик баъди инкилоб то ба имрӯз. Мундариҷаи ғоявии нашрияҳо, мавқеи онҳо дар ҳаёти ҷамъиятӣ. Нашриҳои бачагонаи давраи истиқлол

**Мавзӯи 10. Осори бачагонаи Абулқосим Лоҳутӣ, Мирсаид Миршакар, Мирзо Турсунзода, Абдусалом Деҳотӣ ва мазмуну мундаричаи ғоявии он.**

Нуфузи назми ахлоқӣ дар адабиёти бачагона. Вазъи адабиёти бачагонаи точик дар солҳои 30-уми асри XX. Қаламрави мавзӯъ ва мундариҷаи ғоявии осори адабиёти бачагонаи точик дар ин давра. Эчодиёти А.Лоҳутӣ, Мирсаид Миршакар, А.Деҳотӣ, М.Турсунзода ва арзиши бадеию ғоявии онҳо.

**Мавзӯи 11. Адабиёти бачагона дар давраи Ҷанги Бузурги Ватанӣ**

Ташаккули адабиёти бачагона дар давраи чанг. Хусусиятҳои ғоявии мазмунии осори ба бачагон бахшидашуда. Насри бачагона дар ин марҳила ва хусусиятҳои ғоявию мундаричавии он. Саҳми Садриддин Айнӣ дар ташаккули адабиёти бачагона дар ин марҳила. Жанрҳои асосии адабиёти бачагона дар давраи чанг. Назм ва хусусиятҳои жанрию бадеии он. Абулқосим Лоҳутӣ ва достони «Ғалабаи Таня».

**Мавзӯи 12. Инкишофи насри бадеии бачагонаи тоҷик дар нимаи дуюми асри XX ва оғози асри XX1**

Жанри ҳикоя дар адабиёти ин аҳд ва хусусиятҳои бадеию ғоявии он. Ҳикояҳои Пӯлод Толис, Болта Ортиқов ва мазмуну мундариҷаи ғоявии онҳо. Жанри повест ва инкишофи он дар давраи баъд аз ҷангӣ. Повестҳои «Субҳи ҷавонии мо»-и С.Улуғзода, «Тобистон»-и П.Толис, повестҳои «Таътил» ва «Полвон»-и Б.Ортиқов. Хизматҳои Адаш Истад ва нависандагони дигар дар ташаккули насри бачагонаи тоҷик.

**Мавзӯи 13.Мазмуну мундариҷаи ғоявии эҷодиёти Болта Ортиқзода**

Ҳикояҳои Болта Ортиқов ва мазмуну мундариҷаи ғоявии онҳо. Повести «Полвон»-и Б.Ортиқов. Мавзӯи табиат дар эҷодиёти нависанда Хизматҳои Болта Ортиқзода дар ташаккули насри бачагонаи тоҷик.

**Мавзӯи 14. Ташаккули назми бачагонаи тоҷик дар нимаи дуюми асри XX ва оғози асри XXI**

Инъикоси воқеияти солҳои ҷанг ва баъдиҷангӣ дар назми ин аҳд. Ашъори бачагонаи давраи мазкур ва мазмуну мундариҷаи ғоявии онҳо.

Таҳлили намунаҳо аз ашъори шоирони ин давра. Эҷодиёти Гулчеҳра Сулаймонова, Убайд Раҷаб, Ғаффор Мирзо, Наримон Бақозода, Аминҷон Шукӯҳӣ ва мазмуну мундариҷаи онҳо.

**Мавзӯи 15. Адабиёти бачагонаи тоҷик ва замони истиқлолият**

Самтҳои тозаву асосии инкишофи адабиёти бачагона дар даҳсолаҳои охир. Мазмун ва мундаричаи ғоявии осори Насим Раҷаб, Адаш Истад, Зебо Тоҳириён, Маҳбуба Неъматова ва дигарон. Таҳлили намунаҳо аз эҷодиёти адибони ҳамзамон.

**Мавзӯи 16. Тасвири олами рангини бачагон дар назм ва насри Маҳбуба Неъматзода**

Шеърҳои Маҳбуба Неъматзода ва мазмуну мундариҷаи ғоявии онҳо. Ҳаёти бачча дар эҷодиёти шоир. Хизматҳои Маҳбуба Неъматзода дар ташаккули назм ва насри бачагонаи тоҷикони Ӯзбекистон.

**III. Тавсия ва нишондодҳо оиди машғулоти амалӣ**

Мавзӯъҳои машғулоти амалӣ ва семинарӣ аз рӯи фанни мазкур дар қарори зайл аст:

1. Суруд ва таронаҳои халқӣ – ифодагари орзуву ормонҳои бачагон.
2. Саёҳат ба олами афсонаҳои Андерсен ва таҳлили “Саёҳатҳои Гуливер”-и Жонатан Свифт.
3. Воситаҳои тасвири бадеии тавсиф, ташхис, муболиға, таҷнис.
4. “Қобуснома”-и Унсурмаолӣ Кайковус – дастури ҳаётӣ.
5. Таҳлили панду ҳикматҳои Саъдии Шерозӣ.
6. Таҳлили ашъори бачагонаиАбдусалом Деҳотӣ.
7. Таҳлили ашъори бачагонаи Мирсаид Миршакар.
8. Таҳлили ашъори бачагонаи Наримон Бақозода.
9. Убайд Раҷаб ва адабиёти бачагона.
10. Гулчеҳра Сулаймонова ва олами рангини кӯдакон.
11. Тасвири ҳаёти хурдтаракон дар осори Болта Ортиқзода
12. Аминҷон Шукӯҳӣ шоир ва нависандаи бачаҳо
13. Алӣ Бобоҷон – шоири бачаҳо
14. Адибони бачаҳо дар давраи истиқлол ва таҳлили осори онҳо

Машғулотҳои амалӣ дар аудиторияи бо воситаҳои мултимедӣ ҷиҳозноккунонидашуда ба як гурӯҳи академикӣ аз тарафи як муаллим бояд гузаронида шавад. Машғулотҳоро бо ёрдами усули фаъол ва интерфактив ба роҳ мондан, инчунин аз технологияҳои педагогӣ ва ахборотӣ самаранок истифода намудан ба мақсад мувофиқ аст.

| | |
|---|---|
| | **IV. Таълими мустақилона ва корҳои мустақилона**<br>Аз рӯи фанни мазкур мавзӯъҳои зерин пешниҳод карда мешавад:<br>1.Арзиши илмӣ - назарии тадқиқотҳои мунаққид Р. Амонов дар ташаккули адабиёти бачагона.<br>2. Ч.Бобокалонова ва арзиши илмию интиқодии тадқиқотҳои ба осори бачагона бахшидаи ӯ.<br>3. «Таҳзиб-ус-сибён» ва мазмуну мундаричаи ғоявии он.<br>4.Ташаккули осори назмӣ дар адабиёти бачагона ва марҳилаҳои асосии он.<br>5.Назми ахлоқӣ-тарбиявӣ ва нуфузи он дар адабиёти бачагона.<br>6.Осори насрии адабиёти бачагона ва марҳилаҳои асосии инкишофи он.<br>7.С.Улуғзода ва инкишофи насри бадеии бачагон.<br>8. Асарҳои Пӯлод Толис ва хусусиятҳои бадеию ғоявии он.<br>9.Таҳлили осори ба бачагон бахшидаи Болта Ортиқов.<br>10.Таҳлили осори назмии бачагона ва принципҳои асосии он.<br>11. Адаш Истад ва насри фантастикии ӯ.<br>12.Насим Рачаб ва ташаккули насри бадеии бачагон.<br>13.Вазъи нашри ашъори бачагона дар солҳои охир дар Точикистон.<br>14. Вазъи нашри ашъори бачагона дар солҳои охир дар Ӯзбекистон.<br>15. Вазъи нашри насри бачагона дар солҳои охир дар Точикистон.<br>16.Вазъи нашри ашъори бачагона дар солҳои охир дар Ӯзбекистон.<br>17.Хусусияти бадеиву эстетикӣ ва аҳамияти тарбиявии ашъори бачагонаи Гулчеҳра Сулаймонова.<br>18. Хусусияти бадеиву эстетикӣ ва аҳамияти тарбиявии ашъори бачагонаи Убайд Рачаб.<br>19. Жанри афсона омили пайдоиши асарҳои фантастикӣ.<br>20. С.Айнӣ асосгузори адабиёти бачагонаи тоҷик<br>22. М.Миршакар – сипаҳсолори назми бачаҳо<br>23. Ғаффор Мирзо – адиби бачаҳо<br>24. Боқӣ Раҳимзода шоири бачаҳо<br>25. Абдумалик Баҳорӣ шоир ва нависандаи бачаҳо<br>26. Пулод Толис – нависандаи бачаҳо<br>27. Болта Ортиқов – нависандаи бачаҳо<br>28. Ҷалол Икромӣ адиби бачаҳо<br>29. Гулчеҳра Сулаймонӣ – адибаи бачаҳо<br>30. Ҷӯра Ҳошимӣ – шоири бачаҳо<br>Аз рӯи мавзӯъҳои мустақилона ба донишҷӯён навиштани реферат ва гузаронидани тақдимот тавсия карда мешавад. |
| 3 | **V. Натиҷаҳои омӯзонидани фан (компетенцияҳои ташаккулёбанда)**<br>Донишҷӯ дар натиҷаи азхудкунии фан:<br>доир ба марҳилаҳои асосии инкишофи адабиёти бачагона, омилҳои |

| | |
|---|---|
| | асосии ташаккули адабиёти бачагона, таъсир ва нуфузи чараёни маорифпарварй-тачаддудхоҳй ба адабиёти бачагона, давраҳои асосии ташаккули назм ва насри адабиёти хурдсолонро *донад ва ба тасаввурот соҳиб шавад:*<br>Дар асоси таълими фанни мазкур донишчӯ оиди матнҳои адабиро таҳлил кардан, маводи адабиро чамъ кардан, осори бачагонро аз осори адабии калонсолон фарқ кардан *ба малака ва маҳорат соҳиб* бошад<br>- Мутобиқ гардонидани матн ба синну соли хонандагон, навиштан ва эчод кардани порчаҳои назмӣ ва насрӣ барои бачагон *ба тачриба* соҳиб гардад. |
| 4 | **VI.** Методҳо ва технологияҳои таълим:<br>• маърузаҳо<br>• кейс-стадиҳои интерфаъол;<br>• семинар (мантиқан фикр кардан, саволу чавоби тезкор);<br>• машғулоти амалӣ;<br>• бо гурӯҳҳо кор кардан;<br>• тақдимот намудан;<br>• лоиҳаҳои индивидуалӣ;<br>• ассисментҳо;<br>• лоиҳаҳо барои ҳимоя кардан ва бо чамоа кор кардан. |
| 5 | **VII. Талабот барои гирифтани кредитҳо:**<br>Пурра аз худ намудани мафҳумҳои назарӣ ва амалии фан, дуруст баррасӣ намудани натичаҳои таҳлил, ичро намудани супориш ва вазифаҳо дар шаклҳои назорати чорӣ, марравӣ ва мушоҳидаҳои мустақилона доир ба чараёни омӯзиш, аз рӯи назорати ниҳоӣ супоридани кори хаттӣ. |
| 6 | **Адабиётҳои асосӣ**<br>1. Бобокалонова Ч. Маводҳо оид ба адабиёти бачагонаи точик. – Душанбе,1975.<br>2. БобокалоноваЧ. Таърихи адабиёти атфол.-Душанбе: Маориф ва фарҳанг, 2006<br>3. Саидов С. Адабиёти бачагона. – Душанбе, 2019.<br>4. Ҳамроев Ч. Таърихи адабиёти навини точик. Тошканд: Тамаддун, 2015<br>**.Адабиёти иловагӣ**<br>1. Мирзиёев Ш.М. Эркин ва фаровон демократик Ўзбекистон давлатини биргаликда барпо этамиз. Тошкент, “Ўзбекистон” НМИУ, 2017. – 29 б.<br>2. Мирзиёев Ш.М. Қонун устуворлиги ва инсон манфаатларини таъминлаш юрт тараққиёти ва халқ фаровонлигининг гарови. “Ўзбекистон” НМИУ, 2017. – 47 б. |

| | |
|---|---|
| | 3. Мирзиёев Ш.М. Буюк келажагимизни мард ва олижаноб халқимиз билан бирга қурамиз. "Ўзбекистон" НМИУ, 2017. – 485 б.<br>5. Амонов Р. Адабиёт ва бачагон. – Душанбе: Ирфон, 1981<br>4. Шерназаров А. Фолклори тоҷик. Самарқанд: СамДУ, 2020<br>5. Гулчеҳра С. Айёми гули лола.-Душанбе: Маориф, 1982.<br>6. Гулчеҳра С. Шаддаи марҷон.- Душанбе: Маориф, 1976.<br>7. Гулчеҳра С.Баҳори лолазор омад.-Душанбе:Ирфон, 1963.<br>8. Миршакар М. Чистонҳои Бобосалом. -Сталино- бод: Нашрдавлтоҷ,1951.<br>9. Сӯфиев А. Чистонҳои халқии тоҷикӣ. - Душанбе: Дониш,1972.<br>10.Суфиев А. Ҳазору як чистон.- Душанбе:Маориф, 1994.<br>11.Деҳотӣ А. «Куллиёт», ч.5 Мақолаҳо. Душанбе 1966.<br>12.Таърихи адабиёти муосири точик, ч.6 нашриёти «Дониш» Душанбе.- 1982 с. 5-17.<br>13.Тазкираи адабиёти бачагона. Душанбе, «Маориф», ч.1. 1982 .<br>14.Тазкираи адабиёти бачагона. Душанбе, «Маориф», ч.2. 1989.<br>15.Тазкираи адабиёти бачагона. Душанбе, «Маориф», ч.3, 1982.<br>16.Тазкираи адабиёти бачагона. Душанбе, «Маориф», ч.4, 1982.<br>17.Энсиклопедияи адабиёт ва санъати точик, ч.1. – Душанбе: Сарредаксияи илмии энсиклопедияи точик, 1988. – 545с.<br>18.Энсиклопедияи адабиёт ва санъати точик, ч.2. – Душанбе: Сарредаксияи илмии энсиклопедияи точик, 1989. – 560с.<br>*19.Э.А.С.Т. чилди 3. С.И.Э.М.Т. Душанбе. 2003*<br>20.www.ZiyoNet.uz<br>21.http://www.skachatreferat.ru/<br>22.tg.wikipedia.org›Абдурахмон Чомй<br>23.http://yandex.ru/Адабиёти+точик&clid<br>24.http://dic.academic.ru/<br>**25.**http://ru.wikipedia.org/wiki/адабиёти бачагона |
| 7 | Дастури фан ___________ соли 2021 таҳти баённомаи рақами ____ дар шӯрои таълимӣ-услубии Донишгоҳи давлатии Самарқанд маъқул карда шудааст. |
| 8 | **Масъулон ба фан/модул:**<br>А.А.Шерназаров – доктори фалсафа (PhD), дотсенти кафедраи филологияи тоҷик забонҳои шарқи хориҷаи ДДС |
| 9 | **Муқарризон:**<br>С.Хӯҷақулов - номзади фанҳои филологӣ, дотсенти кафедраи забон ва адабиёти тоҷики ДДС (дохила)<br>Д.Бабаева - номзади фанҳои филологӣ, дотсенти ДТС (беруна) |